**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа (6D020102 - Таърихи фалсафа)**

Дар шароити имрӯза таҳқиқи осори беназири маорифпарваронаи Жан Жак Руссо - фаронсавӣ ва Аҳмади Дониш - мутафаккири тоҷик, поягузори равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ ниҳоят муҳим мебошад. Бояд тазаккур дод, ки мавзуи кори диссертатсионии иҷрошуда ниҳоят муҳим ва таҳқиқи он рӯзмарра аст.

Ҳангоми мутолиаи автореферат чунин ақида ҳосил шуд, ки диссертант масъалаи ҷойдоштаро дуруст таҳлил намуда аз нигоҳи фалсафӣ асоснок намудааст.

Осори арзишманди маорифпарваронаи Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш ҷузъи фарҳанг, сармояи маънавии ташаккули қобилияти зеҳнии инсоният маҳсуб меёбанд. Мазмун ва моҳияти осори фалсафии онҳо натанҳо файласуфони муосир, балки тамоми инсонҳоеро, ки кӯшиши дарки ҷаҳон ва ҳастии инсонро доранд, ба худ ҷалб менамояд. Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш ба масъалаи дарки мафҳуми инсон, системанок ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия ва ба камол расонидани инсон, таъсиси оила ва риояи талаботи никоҳ, таъсиси ҷомеа ва риояи принсипҳои адолат ва баробарии иҷтимоӣ ҳангоми иҷро кардани усулҳои идоракунии давлат, дар маҷмуъ муносибати инсон нисбат ба табиат ва моҳияти худ ҷиҳати пайдо кардани ҷойгоҳи мувофиқ дар раванди муносибатҳои иҷтимоӣ ва ғайра таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудаанд.

Таҳқиқ ва мутолиаи бозёфтҳои маънавии ин маорифпарварон дар madди аввал аз он ҷиҳат муҳим мебошанд, ки ҳама гуна зиддиятҳое, ки дар назарияи тарбияи муосир ҷиҳати ҳалли мушкилоти фаҳмиши инсон ва ба камол расонидани ӯ ҳамчун субъект ба миён меоянд, бартараф менамояд. Ҳамзамон, афкори фалсафии ҳар ду мутафаккир аз мавқеи ратсионалистӣ

менамояд. Ҳамзамон, афкори фалсафии ҳар ду мутафаккир аз мавқеи ратсионалистӣ баромад намуда, ҳаллу баррасии масъалаҳои мавҷударо дар мизони ақл пешниҳод мекунанд ва ба неруи созандаи ақл бовар доранд.

Бояд тазаккур дод, ки муаллифи диссертатсия дар баробари иҷрои корҳо ба баъзе камбудиҳо роҳ додааст.

1. Дар автореферат ақидаҳои олимони саршиноси тоҷик, ақалан номи баъзеи онҳое, ки дар шинохти Аҳмади Дониш корҳои илмии зиёд анҷом додаанд ба таври пурра оварда нашудааст.

2. Инчунин дар автореферат баъзе хатогиҳои техникӣ ба назар мерасад.

Хулоса. Кори диссертатсионӣ дар мавзуи мубрам иҷро карда шудааст. Эродҳое, ки аз ҷониби муқарриз ироа шудаанд ба мазмуни кори иҷрошуда таъсири манфӣ намерасонанд. Дар маҷмуъ, диссертатсия дар дараҷаи кифоятан баланди илмӣ навишта шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст ва муаллифаш барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 - фалсафа (6D 020102 –Таърихи фалсафа) сазовор аст.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.фалсафа, м/калони кафедраи
диншиносии факултети фалсафаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Калонзода Ф. И.

Суроға: индекс 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, к. Буни Ҳисорак
Тел.: +992 933327363
E-mail: kalonzodafaridun@gmail.com

Имзои н.и.ф., м/к Ф.И.Калонзодаро
тасдиқ мекунам: Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

16.06.25